ҚАРОРИ

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «22» феврали соли 2023 № 2 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 таҳқиқоти диссертатсионии Суфиев Садриддин Насридиновичро дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, профессор Олимов Музаффар Абдуваккосович), тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади мукарризони расмӣ: доктори илмҳои таърих, профессор Набизода Ваҳҳоб Машраб, номзади илмҳои таърих Шарофов Эраҷбой Умрибоевич, баромади аъзои Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: мукарризони ғайрирасмӣ Расулиён Қ., Шарифов Р.Я., Латифов Ҷ.Л., Мирзоев Н.М.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммият ва натиҷаҳои диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) ба талаботи пешбининамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдик шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Суфиев Садриддин Насридинович дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дода шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Суфиев Садриддин Насридиновичро бо дипломи номзади илмҳои таърих сарфароз гардонад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих **Муллоҷонов С.К.**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих **Акрамова С.Х.**